Санаи 21.02.2023 сол дар касри фарханги нохияи Зафаробод бахшида ба 30-юмин солгарди рӯзи таъсисёбии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон чамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Дар чамъомади тантанавӣ раиси нохияи Зафаробод мухтарам Ашӯрзода Рачаб Рӯзи намояндаи макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугд Аминчон Абдуллозода, рохбарони корхонаву ташкилотхо, афсарону сарбозони шучоъ, макомоти хифзи хукук, зиёиён ва собикадорони мехнат ширкат варзиданд.

Пас аз ба толор ворид намудани Парчами давлатии Чумхурии Точикистон ва садо додани Суруди миллии Чумхурии Точикистон нахуст намояндаи макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугд Аминчон Абдуллозода аз номи раиси вилояти Сугд мухтарам Рачаббой Ахмадзода афсарон, сарбозони шучоъ ва собикадорони Куввахои Мусаллахро бо 30-юмин солгарди таъсисёбии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон табрику тахният намуда, барояшон дар ичрои ин вазифаи мукаддасу пуршараф - хифзи Ватан, химояи манфиатхои давлат, тахкими дастовардхои истиклолият ва мустахкам намудани иктидори мудофиавии мамлакат комёбихо орзӯ намуд.

Сипас раиси нохияи Зафаробод мухтарам Ашӯрзода Рачаб Рӯзи хамаи низомиён, афсарону сарбозони дидбонгоххои сархадӣ, собикадорон, чанговарони байналмилал, иштирокчиёни сохти конститутсионӣ ва кулли мардуми нохияро аз номи макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия ва шахсан хеш самимона табрику муборакбод намуда таъкид намуд.

Ватандорӣ як рукни хастии миллат ва неъмати бузургу бебахо аст. Волотарин меъёри ватандориву ватандӯстӣ расидан ба кадри Ватан, миллат ва давлати сохибистиклол, бачо овардани хизмати Ватан ва хифзи марзу буми он аст.

Сипас, фаъолон, сарбозону афсарони шучоъи Ватан бо сипоснома ва тӯхфахои хотиравии макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Зафаробод кадршиносӣ карда

шуданд.

Пас аз кадршиносии фаъолон кисми фархангии чамъомади тантанавӣ огоз гардида, аз чониби ахли санъати бахши фарханг барномаи рангини идона ва саршор аз ватандӯстиву хештаншиносӣ пешкаши хозирин  гардонида шуд..